# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Моҳият ва аҳамияти синну соли мактабӣ марҳилаи мусоид дар ташаккули шахсияти шаҳрванди ватандӯст ва оиладӯстдор, ки метавонад мустақилона ҳаёти худро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва оила ба роҳ монад қайд карда шуда, дар ин самт, тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ, сарвари оила, такягоҳи маънавию моддӣ, махсусан вазифаи падарӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба тарбияи писарон ҳамчун падарони оянда омилҳои мухталиф ба монанди муҳити иҷтимоӣ, тарбияи оилавӣ, таҳсил дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, корҳои тарбиявӣ-таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна одобу анъанаҳои миилию хонаводагӣ таъсири амиқ мерасонанд. тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқи он хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон, ба ҳаёти оилавӣ ва мустақилона омода намудани онҳо дар педагогикаи гендерии муосир ба таври маҷмӯавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи гендерӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, аҳамияти таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки проблемаи тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи махсуси маҷмӯавӣ қарор дода шудааст. Мазмуну мундариҷаи тарбияи писарон ошкор ва моҳияту хусусиятҳои он шарҳ дода шудааст. Ҳолатҳое дар кор асоснок карда шудаанд, ки дар тарбияи писарон заруру мақсаднок буда, натиҷаи он ба сифати ҳаёти мустақилонаиояндаи онҳо низ таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Маводи диссертатсияро

метавон ҳамчун тавсияҳои методӣ оид ба тарбияи писарон ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудаи тарбияи писарон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода намуд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 20.03.2024, №8).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

1. Дар кори таҳқиқотӣ масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон, ба ҳаёти оилавӣ ва мустақилона омода намудани онҳо дар педагогикаи гендерии муосир ба таври маҷмӯавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи гендерӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, гузаронидани таҳқиқоти озмоишии мувофиқ дар шароити хонавода, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумотӣ дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад, амалӣ гардад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) аз ҷумла ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 –

Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи "Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Дангара таъин карда шавад.

в) ба сифати муқарризони расмӣ:

**Ба сифати муассисаи пешбар** МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таъин карда шавад. **Ба сифати муқарризони расмӣ**: Латифзода Диловар Назришоҳ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ва Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти

кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, Каримзода М.Б.

номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

29.07.2024

Имзои Иззатова М.И., Каримзода М.Б. ва Ҷонмаҳмадова Г.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.